# Х У Л О С А И

**Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллии шаҳри Роғун дар солҳои 2024-2025**

**1.** Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7, 27, 28 ва 41 Қонун "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 65 Қонун "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳри Роғун дар солҳои 2024 - 2025, чорабинии аудитории анҷомдодашуда дар Раёсати Вазорати молия ва Нозироти андози шаҳр вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллӣ ва аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳр дар солҳои 2024-2025, омода гардидааст.

**2.** Дар соли 2024 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии шаҳри Роғун мусбӣ арзёбӣ гардида, маҷмӯи маҳсулоти минтақавии шаҳр ба 891,3 млн сомонӣ баробар ва афзоиши он 2,7 фоизро ташкил намудааст.

2.1. Тайи давраи зикршуда, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар умум афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 129,6 млн сомонӣ ё 3,5 фоиз, савдо 53,4 млн сомонӣ ё 12,3 фоиз, сохтмон 319,6 млн сомонӣ ё 68,9 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 56,9 млн сомонӣ ё 21,1 фоиз нисбат ба соли қаблӣ афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад 331,9 млн сомониро ташки дода, 27,7 фоиз коҳиш ёфтааст.

2.3. Дар соли 2025 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии шаҳр мусбӣ арзёбӣ гардида, маҷмӯи маҳсулоти минтақавии шаҳр 927,4 млн сомониро ташкил дода, афзоиши он 4,0 фоизро ташкил намудааст.

2.4. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар умум афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 356,0 млн сомонӣ ё 7,3 фоиз, савдо 67,0 млн сомонӣ ё 25,5 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 60,4 млн сомонӣ ё 6,1 фоиз нисбат ба соли 2024 афзоиш ёфта, истеҳсли маҳсулоти кишоварзӣ 135,2 млн сомонӣ ё 0,4 фоиз ва сохтмон 308,7 млн сомонӣ ё 3,1 фоиз нисбат ба соли қаблӣ коҳиш ёфтааст.

**3.** Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Роғун барои солҳои 2021-2025" дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз 12 апрели соли 2021, №72 тасдиқ гардидааст.

3.1. Барнома аз 88 лоиҳа иборат буда, арзиши умумии лоиҳаҳои он ба маблағи 204,8 млн сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети ҷумҳуриявӣ 60,4 млн сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 43,3 млн сомонӣ, бахши хусусӣ 34,3 млн сомонӣ ва аз ҳисоби шарикони рушд 66,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

3.2. Дар давоми солҳои 2021-2025 68 лоиҳа ба маблағи 139,9 млн. сомонӣ ва ё 68,3 фоизи маблағҳои нақшавӣ таъмин гардидааст, ки дар таркиби он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 19,9 млн сомонӣ (45,6 %), буҷети ҷумҳуриявӣ 69,9 млн сомонӣ (115,8%), бахши хусусӣ 36,4 млн сомонӣ (106,0%) ва шарикони рушд 13,7 млн сомонӣ (20,5%) рост меояд.

3.3. Айни замон дар 10 лоиҳаҳои барнома корҳо идома дошта, ба маблағи 18,7 млн сомонӣ дар лоиҳаи барномаи навбатии рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Роғун барои солҳои 2026-2030 ба инобат гирифта шудааст. Инчунин дар 10 лоиҳа, ки маблағи нақшавии онҳо 46,2 млн сомониро ташкил менамуд, корҳо анҷом дода нашудааст.

3.4. Хулоса, яке аз сабабҳои пурра таъмин нагардидани иҷрои лоиҳаҳо, ин зимни таҳияи барнома ба инобат гирифта нашудани талаботи Тартиби таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал дар самти низоми таҳия ва пешниҳоди барнома, раванди мувофиқаи барнома бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва асоси воқеӣ надоштани сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи лоиҳаҳои дар барнома пешбинишуда ба ҳисоб меравад.

**4.** Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04 соли 2021, №116 «Дар бораи Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қарори Раиси шаҳри Роғун аз 04.06 соли 2021, №204 ба тавсиб расида, оид ба амалигардонии Барномаи мазкур нақшаи чорабиниҳо иборат аз 15 банд тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор дода шудааст.

4.1. Аз тарафи ташкилоту муассисаҳо ва аҳолии маҳаллаҳо баҳри пешгирӣ аз эрозияи замин дар қитъаҳои осебпазири заминҳо зиёда аз 3000 бех дарахтони ҳамешасабз, сояафкан, мевадиҳанда ва дар майдони 3,5 га боғ бунёд карда шудааст.

4.2. Ҷиҳати бунёди минтақаи сабз дар ҷойҳои аҳолинишин ва ду тарафи шоҳроҳ дар баҳори соли 2024 ва тирамоҳи соли 2025 158000 бех дарахтони ба маҳал мутобиқ шинонида шудааст, ки аз инҳо дарахтони ҳамешасабз 16304 бех, сояафкан 36523 бех ва 105173 бех мевадиҳанда шинонида шудааст.

4.3. Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2024, №374 "Дар бораи Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" қарори Раиси шаҳри Роғун аз 25.10 соли 2024, №151 ба тавсиб расида, оид ба амалигардонии Барномаи мазкур нақшаи чорабиниҳо иборат аз 5 банд тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор дорад.

4.4. Вобаста ба ташкили ниҳолхона ҷиҳати парвариши ниҳолҳо дар шаҳр аз тарафи Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал дар масоҳати 1,0 га ташкил карда шудааст ва тибқи нақша аз тарафи Ҷамоати деҳоти Қади Об 2,0 га, Ҷамоатҳои шаҳраки Оби Гарм, Сичароғ ва КВД "Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ, обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ"-и шаҳр 1 гектарӣ ба нақша гирифта шудааст, ки марҳила ба марҳила бунёд карда мешаванд.

4.6. Хулоса, арзёбии вазъи экологӣ аз рӯйи маълумоти масъулини бахши ҳифзи муҳити зист дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории дахлдори шаҳр пешниҳодгардида нишон дод, ки дар самти зикшуда бо аҳолӣ як қарор корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чораҳои пешгирикунӣ аз бемориҳои сироятӣ ба анҷом расонида шуда бошад ҳам, бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ тақвиятбахшии корҳо дар ин самт зарур арзёбӣ мегардад.

**5.** Дар соли 2024 ба миқдори 179,6 млн кВт/ соат барқ қабул гардида, барқи фоиданок 150,6 млн кВт/ соат буда, талафоти он 16,2 фоиз ва ё 29,0 млн кВт/ соатро ташкил медиҳад. Дар ин давра маблағи ҳисобшуда 77,8 млн сомонӣ, пардохтшуда бо дар назар доштани қарздории давраҳои гузашта 69,5 млн сомонӣ ва ё 89,2 фоизи маблағи ҳисобшударо ташкил медиҳад. Маблағи қарздорӣ аз истифодаи қувваи барқ дар назди Шабакаҳои барқи шаҳри Роғун 19,2 млн сомонӣ, аз он 2,9 млн сомонӣ ба аҳолӣ ва 16,3 млн сомонӣ ба корхонаҳо тааллуқ дорад.

5.1. Дар соли 2025 ба миқдори 192,3 млн кВт/ соат барқ қабул гардида, барқи фоиданок 166,2 млн кВт/ соат буда, талафоти он 13,6 фоиз ва ё 26,1 млн кВт/соатро ташкил медиҳад. Дар ин давра маблағи ҳисобшуда 98,5 млн сомонӣ пардохтшуда 18,8 млн сомонӣ ва ё 19,1 фоизи маблағи ҳисобшударо ташкил медиҳад. Маблағи қарздорӣ аз истифодаи барқ дар назди Шабакаҳои барқи шаҳри Роғун 101,1 млн сомонӣ, аз он 2,9 млн сомонӣ ба аҳолӣ ва 98,2 млн сомонӣ ба корхонаҳо тааллуқ дорад.

5.2**.** Дар соли 2025 нисбат ба соли 2024 барқи қабул гардида 12,7 млн кВт/ соат, барқи фоиданок 15,6 млн кВт/ соат зиёд шуда бошад ҳам, талафоти он 2,6 фоиз ва ё 2,9 млн кВт/ соат кам гардидааст, маблағи қарздорӣ аз истифодаи қувваи барқ ба миқдори 82,0 млн сомонӣ зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби напардохтани қувваи барқи истифодашуда дар корҳои сохтмони ҶСК “НБО Роғун” ба миён омадааст.

**6.** Ҷиҳати иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06 соли 2025, №АП815 “Дар бораи солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” бо қарори Раиси шаҳри Роғун аз 4.11 соли 2025, №189 Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон гардидани солҳои 2025-2030» барои соли 2025 тасдиқ карда шудааст, ки аз 7 банд иборат мебошад.

6.1. Вобаста ба пешбурди сомонаи расмӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тавассути портали ягонаи давлатӣ www.ehukumat.tj чунин маълумот пешниҳод менамояд, ки сомонаи расмии мақомот www.roghun.tj фаъол буда, ҳамаи чорабиниҳои шаҳрӣ дар сомонаи мазкур инъикос карда мешавад. Ҷиҳати пайваст намудани он ба портали ягонаи давлатӣ www.ehukumat.tj корбарӣ бо мутахассисон идома дорад.

6.2. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба Барномаи ҳукумати электонӣ пайваст мебошад ва ҳамаи гардиши ҳуҷҷатҳои мақомотҳои болоӣ тавассути он ба роҳ монда шудааст.

***7. Буҷети шаҳри Роғун*** барои соли 2024 бе дар назар доштани андози иҷтимоӣ ба маблағи 98700,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, бо назардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо нақшаи аниқшудаи қисми даромади буҷети

шаҳр 101713,2 ҳазор сомониро ташкил дода, иҷрои он 102710,2 ҳазор сомонӣ ё 104,1 фоиз таъмин карда шудааст, ки нисбати нишондиҳандаи нақшаи тасдиқшуда 4010,2 ҳазор сомонӣ ва аниқшуда 997,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

7.1. Бо дар назар доштани тағйироти воридшуда қисми даромади буҷети шаҳр аз ҳисоби нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ 2000,0 ҳазор сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда 1013,2 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст.

7.2. Дар ин давра нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 42349,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 32692,1 ҳазор сомониро *(77,2%)* ташкил намудааст, ки аз ҳисоби иҷрои нопурраи ин намуди андоз 9656,9 ҳазор сомонӣ маблағҳо ба буҷети шаҳр кам ворид гардидааст.

7.3. Нақшаи андози иҷтимоӣ ба маблағи 65183,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 67162,0 ҳазор сомонӣ ё 103,0 фоизро ташкил намудааст, ки аз ин маблағ 9766,5 ҳазор сомонӣ (106,3%) ба ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва 57395,5 ҳазор сомонӣ (102,5%) ба ғайрибуҷетӣ рост меояд.

**8. Буҷети маҳаллии шаҳри Роғун** барои соли 2024 дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз 29.12 соли 2023, №39 аз рӯйи даромад ва хароҷот ба маблағи 60007,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

8.1. Дар рафти иҷрои буҷет дар асоси қарори Раиси шаҳр аз 10.12 соли 2024, №188 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми даромад ва хароҷоти буҷети шаҳри Роғун дар соли 2024”, нақшаи қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллии шаҳр ба маблағи **3013,2** ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст.

8.2. Инчунин, дар раванди иҷрои буҷети соли 2024 барои пӯшонидани хароҷотҳои бахшҳои буҷетӣ **1582,5** ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бақияи маблағҳои озоди буҷетӣ ҷалб гардида, тариқи ҳисоби байниҳамдигарӣ аз буҷети сатҳи дигар **2587,0** ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллии шаҳр ворид гардидааст.

8.3. Ҳамин тариқ, нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2024 бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридшуда ба маблағи 67189,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 70504,2 ҳазор сомонӣ ё 104,9 фоизро ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 10497,2 ҳазор сомонӣ ва нисбати нақшаи аниқшуда 3314,6 ҳазор сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

8.4. Дар ҳаҷми умумии иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳиссаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 66898,8 ҳазор сомонӣ ё 94,9 фоиз, маблағҳои воридгардида дар шакли ҳисоби байниҳамдигарӣ 2022,6 ҳазор сомонӣ ё 2,9 фоиз, гирифтан аз бақияи озоди маблағҳои буҷетӣ 1582,5 ҳазор сомонӣ ё 2,2 фоиз ва баргардонидани маблағҳои гирифташуда ва истифоданашуда 0,3 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

8.5. Дар соли 2024 нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ба маблағи 66898,8 ҳазор сомонӣ ё 106,2 фоиз таъмин гардида, нисбат ба нақшаи аниқшуда ба буҷет 3878,6 ҳазор сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

8.6. Дар ин давра воридоти маблағ аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 9877,8 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 78,9 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намуда, аз ин ҳисоб ба буҷет **2640,2** ҳазор сомонӣ ворид нагардидааст.

***9. Қисми хароҷоти буҷети шаҳр дар соли 2024*** ба маблағи 60007,0 ҳазор сомонӣ ва бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридгардида 67189,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 67955,5 ҳазор сомонӣ ё 101,1 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 7948,5 ҳазор сомонӣ ва нисбати нақшаи аниқшуда 765,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

9.1. Дар таркиби хароҷотҳои буҷети шаҳр, хароҷотҳои ҷорӣ 65974,1 ҳазор сомонӣ ё 97,1 фоиз, ҳиссагузорӣ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 1722,9 ҳазор сомонӣ ё 2,5 фоиз ва ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 258,4 ҳазор сомонӣ ё 0,4 фозро ташкил намудааст.

9.2. Маблағгузориҳои бахшҳои иҷтимоӣ 50534,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар раванди иҷрои буҷет нақшаи хароҷотҳо 4209,3 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст. Иҷрои он 53565,3 ҳазор сомонӣ ё 81,2 фоизи хароҷоти ҷории буҷети шаҳрро ташкил намуда, нисбати нақшаи тасдиқшуда 3030,6 ҳазор сомонӣ ё 6,0 фоиз зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 1178,7 ҳазор сомонӣ ё 2,1 фоиз кам маблағгузорӣ гардида, 52,8 фоизи маблағҳои равонашудаи буҷети шаҳр ба рушду тараққиёти бахши маориф ва 22,9 фоиз ба бахши тандурустӣ рост меояд.

9.3. Дар таркиби хароҷотҳои ҷории буҷети шаҳр ҳиссаи асосии маблағгузориҳоро музди меҳнат ва пардохтҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ташкил намуда, ба ин мақсад 47785,7 ҳазор сомонӣ ё 72,4 фоизи хароҷотҳои ҷории буҷет равона карда шудааст.

9.4. Маблағгузории моддаҳои дигари ҳимояшавандаи хароҷот, аз ҷумла пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ 1618,9 ҳазор сомонӣ ё 97,5 фоиз, кумакпулиҳо оид ба кумаки иҷтимоӣ 311,1 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, идрорпулиҳо 33,7 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, ҷубронпулӣ барои хӯрокворӣ 28,0 ҳазор сомонӣ ё 99,3 фоиз ва ҷубронпулии яквақтаина 187,2 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

***10. Буҷети шаҳри Роғун*** барои соли 2025 аз рӯйи даромади умумӣ бе дар назар доштани андози иҷтимоӣ ба маблағи 112700,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, иҷрои он 142143,9 ҳазор сомонӣ ё 126,1 фоиз таъмин карда шудааст, ки нисбати нишондиҳандаи нақшавӣ 29443,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

10.1. Нақшаи андози иҷтимоӣ ба маблағи 69699,2 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 84489,8 ҳазор сомонӣ ё 121,2 фоизро ташкил намудааст, ки аз ин маблағ 13394,6 ҳазор сомонӣ (105,5%) ба ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва 71095,3 ҳазор сомонӣ (124,7%) ба ғайрибуҷетӣ рост меояд.

**11. Буҷети маҳаллии шаҳри Роғун** барои соли 2025 дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз 12.12 соли 2024, №72 аз рӯйи даромад ва хароҷот ба маблағи 76644,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

11.1. Дар раванди иҷрои буҷети соли 2025 барои пӯшонидани хароҷотҳои бахшҳои буҷетӣ **2640,0** ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бақияи маблағҳои озоди буҷетӣ ҷалб гардидааст.

11.2. Ҳамин тариқ, нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2025 бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридшуда ба маблағи 79284,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 101465,8 ҳазор сомонӣ ё 128,0 фоизро

ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи аниқшуда 22181,7 ҳазор сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

11.3. Дар ҳаҷми умумии иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2025 ҳиссаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 98825,7 ҳазор сомонӣ ё 97,4 фоиз ва гирифтан аз бақияи озоди маблағҳои буҷетӣ 2640,0 ҳазор сомонӣ ё 2,6 фоизро ташкил намудааст.

11.4. Дар соли 2025 нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 128,9 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 98825,7 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати нақшаи аниқшуда 22181,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**12. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ дар соли 2025** бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридгардида маблағи 86159,5 ҳазор сомониро ташкил намуда, иҷрои он 91490,8 ҳазор сомонӣ ё 106,2 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда ба маблағи 14846,8 ҳазор сомонӣ ва аниқшуда 5331,3 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

12.1. Дар таркиби иҷрои хароҷотҳо 85137,1 ҳазор сомонӣ ё 93,1 фоизро хароҷотҳои ҷорӣ, ҳиссагузорӣ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 5530,5 ҳазор сомонӣ ё 6,0 фоиз ва ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 823,1 ҳазор сомонӣ ё 0,9 фоизро ташкил намудааст.

12.2. Маблағгузории бахшҳои иҷтимоӣ 64191,9 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар рафти иҷрои буҷет нақшаи хароҷотҳо 5973,5 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст. Иҷрои он 69341,7 ҳазор сомонӣ ё 81,4 фоизи хароҷоти ҷории буҷети шаҳрро ташкил намуда, нисбати нақшаи тасдиқшуда 5149,8 ҳазор сомонӣ зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 823,7 ҳазор сомонӣ кам маблағгузорӣ гардида, 55,5 фоизи маблағҳои равонашудаи буҷети маҳаллӣ ба рушду тараққиёти бахши маориф ва 20,9 фоиз ба бахши тандурустӣ рост меояд.

12.3. Иҷрои хароҷотҳои музди меҳнат ва пардохтҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ 65364,1 ҳазор сомонӣ ё 99,6 фоизи нақшаи аниқшуда таъмин гардидааст, ки баробар ба 76,8 фоизи хароҷоти ҷории буҷети шаҳр мебошад.

12.4. Маблағгузории моддаҳои дигари ҳимояшавандаи хароҷот, аз ҷумла пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ 1813,8 ҳазор сомонӣ ё 96,4 фоиз, кӯмакпулиҳо оид ба кумаки иҷтимоӣ 122,5 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, идрорпулиҳо 45,0 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, ҷубронпулӣ барои хуроквори 25,8 ҳазор сомонӣ ё 70,5 фоиз ва ҷубронпулиҳои яквақтаина 159,1 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

**13**. ***Омӯзиш ва таҳлили кори МИҲД, Раёсати молия ва Нозироти андоз дар шаҳри Роғун*** оид ба ташаккул ва иҷрои буҷети шаҳр барои солҳои 2024 - 2025 муайян намуд, ки таҳияи лоиҳаҳои қисми даромади буҷети шаҳр мутобиқи Кодекси андоз, қарору қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, дастурҳои методии пешниҳоднамудаи Вазорати молия тартиб дода шуда, дар баъзе мавридҳо ба камбудиҳо роҳ дода шудааст.

13.1. Лоиҳаи қисми даромади буҷети шаҳр барои солҳои 2024 – 2025 аз рӯйи контингенти умумӣ *(бе дар назар доштани андози иҷтимоӣ)* мувофиқан

ба маблағи 83841,6 ҳазор сомонӣ ва 112700,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молия оид ба баррасии лоиҳаи буҷети давлатии соли 2024 ба маблағи 98700,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 14858,4 ҳазор сомонӣ *(17,7 фоиз)* зиёд карда шуда ва барои соли 2025 тибқи лоиҳа ба маблағи 112700,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шудааст.

13.2. Нақшаи тасдиқгардидаи қисми даромади ҷории буҷети маҳаллӣ дар буҷети солҳои 2024-2025 нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи даромади ҷории буҷети маҳаллӣ дар солҳои қаблӣ мутаносибан 18000,0 ҳазор сомонӣ ё 15,4 фоиз коҳиш ва 14000,0 ҳазор сомонӣ ё 14,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

13.3 Мувофиқи таҳлилҳо банақшагирӣ ва пешбинии қисми даромади буҷет чун қоида дар асоси рақамҳои назоратӣ амалӣ гардонида шуда, имкониятҳои афзоиши манбаҳои андоз ва сафарбарнамоии захираҳо ба таври кофӣ омӯхта нашудааст, ки боиси барзиёд иҷро гардидани супоришҳои нақшавӣ гардидааст.

13.4. Тибқи нишондоди Дастурамал "Оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ", ки аз 08.04 соли 2022, №63 бо фармоиши Вазорати молия тасдиқ карда шудааст, ҳангоми муайян намудани дурнамои даромадҳои Буҷети давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ иҷрои воқеии соли ҷорӣ асос шуда метавонад ва дурнамои даромадҳои Буҷети давлатӣ таҳия карда мешаванд.

13.5. Иҷрои нақшаи қисми даромадҳои ҷории буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2023-2024 мутаносибан маблағи 88793,5 ҳазор сомонӣ ва 102710,2 ҳазор сомониро ташкил дода, нақшаи тасдиқшудаи қисми даромади ҷории буҷети маҳаллӣ барои солҳои 2024 – 2025 нисбат ба иҷрои солҳои қаблӣ мутаносибан 9906,4 ҳазор сомонӣ ё 11,2 фоиз ва 10097,1ҳазор сомонӣ ё 9,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

13.6. Лоиҳаи қисми даромади буҷет бе таҳлили имкониятҳои воқеии андозсупорандагон мураттаб гардида, афзоиши захираҳои мавҷудаи даромадҳо аз рӯйи намудҳои андоз ба инобат гирифта нашудааст, ки боиси барзиёд иҷро гардидани супоришҳои нақшавии баъзе намуди андозҳои буҷети маҳаллӣ гаштааст.

13.7. Дар соли 2024 нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ 4184,4 ҳазор сомонӣ ё 12,5 фоиз, андоз аз molu мулк 654,6 ҳазор сомонӣ ё 24,4 фоиз, андоз аз арзиши иловашуда 4072,3 ҳазор сомонӣ ё 46,0 фоиз, боҷи давлатӣ 278,7 ҳазор сомонӣ ё 84,5 фоиз, воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ 16,5 ҳазор сомонӣ ё 53,1 фоиз ва воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ 174,4 ҳазор сомонӣ ё 99,7 фоиз нисбат ба нақшаи тасдиқшуда барзиёд ворид гардидааст.

13.8. Чунин тартиби нақшабандӣ ва иҷрои нақшаи даромадҳои ҷории буҷет дар соли 2025 низ нигоҳ дошта шуда, нақшаи андоз аз даромад 15013,7 ҳазор сомонӣ ё 25,1 фоиз, андоз аз молу мулк 1664,1 ҳазор сомонӣ ё 50,6 фоиз, андоз аз арзиши иловашуда 4631,6 ҳазор сомонӣ ё 42,3 фоиз, низоми махсуси андозбандӣ 535,4 ҳазор сомонӣ ё 27,5 фоиз, андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо 288,1 ҳазор сомонӣ ё 72,0 фоиз ва воридоти

дигари ғайриандозб ва пардохтҳои маъмурӣ 43,4 ҳазор сомонӣ ё 22,9 фоиз нисбат ба нақшаи тасдиқшуда барзиёд ба буҷет ворид гардидааст.

13.9. Аз ҷониби дигар, қисми даромади буҷет бе таҳлили имкониятҳои воқеии андозсупорандагон тасдиқ гардида, боиси иҷро нагардидани нақшаи пешбинигардидаи баъзе намуди андозҳои буҷети маҳаллӣ гаштааст.

13.10. Дар соли 2024 нақшаи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ба қадри 2640,2 ҳазор сомонӣ ё 21,1 фоиз нисбат ба нақшаи тасдиқшуда кам иҷро гардидааст.

13.11. Аз дигар ҷониб, мавҷуд набудани таҳлилҳои иқтисодӣ дар тарҳрезии нишондиҳандаҳои лоиҳаҳои буҷети маҳаллӣ, надоштани методологияи самаранокии назорати дақиқи манбаҳои воридоти андозҳо аз ҷониби масъулини мақомоти молия ва андоз дар шаҳр, боиси ба даст овардани даромадҳои иловагӣ дар буҷети шаҳр гаштааст.

13.12. Чунончӣ, сарфи назар аз зиёд намудани қисми даромади буҷет, яъне қабули буҷети иловагӣ ба қадри 3013,2 ҳазор сомонӣ дар соли 2024 буҷети маҳаллӣ ба маблағи 3878,6 ҳазор сомонӣ барзиёд иҷро гардидааст. Инчунин, дар соли 2025 қисми даромади ҷории буҷети маҳаллӣ нисбат ба нақшаи аниқшуда ба маблағи 22181,7 ҳазор сомонӣ ё 28,9 фоиз зиёд иҷро гардидааст.

13.13. Дар баробари ин, зимни таҳияи лоиҳаҳои буҷети шаҳр ва тасдиқи нишондиҳандаҳои қисми даромади он мавҷудияти бақияпулиҳои андозҳо ба инобат гирифта нашудааст дар сурате, ки бақияи қарзи андозҳои корхонаю ташкилотҳои тобеъи Нозироти андози шаҳр, ба истиснои андози иҷтимоӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 маблағи 13173,5 ҳазор сомонӣ ё 13,3 фоиз ва ба ҳолати 1 январи соли 2025 маблағи 11697,3 ҳазор сомонӣ ё 10,4 фоизи нақшаи тасдиқшудаи қисми даромади буҷети шаҳрро дар солҳои 2024-2025 ташкил намудааст.

13.14. Тибқи талаботи Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳолати кам ё зиёд шудани воридоти маблағҳо ба буҷет, ки метавонад боиси 10 фоиз ё аз он зиёд тағйир ёфтани даромад аз таъиноти солонаи тасдиқшудаи буҷет гардад, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Маҷлиси вакилони халқӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба буҷети маҳаллиро барои тасдиқ пешниҳод менамояд. Аммо аз ҷониби масъулини буҷети маҳаллии шаҳр муқаррароти мазкур риоя нагардидааст, дар сурате, ки дар соли 2025 қисми даромади буҷети маҳаллӣ нисбат ба нақшаи аниқшуда ба андозаи 128,9 фоиз иҷро гардидааст.

**14** Тибқи нишондоди Дастурамалҳо оид ба таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои ду соли минбаъда, ҳангоми банақшагирии хароҷоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи гурӯҳбандии вазифавӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ таҳия карда мешавад.

14.1 Инчунин, лоиҳаи буҷетҳои маҳаллиро дар мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ ва дурнамои ду соли минбаъда дар асоси афзалиятҳои соҳавӣ, мувофиқи хусусиятҳои сектории муассисаҳои буҷетӣ (маориф, тандурустӣ ва ғайра) таҳия менамоянд.

14.2. Лоиҳаи қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ барои соли 2025 аз рӯйи бахшҳои буҷетӣ, дар маҷмуъ ба маблағи 84529,1 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молия оид ба баррасии лоиҳаи буҷети давлатии соли 2025, хароҷотҳои бахшҳо каму зиёд карда шуда, дар натиҷа нақшаи қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба маблағи 76644,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 7885,1 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

14.3. Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2025 барои семоҳаи якум 18364,9 ҳазор сомонӣ ё 24,0 фоиз, семоҳаи дуюм 19314,3 ҳазор сомонӣ ё 25,2 фоиз, семоҳаи сеюм 19485,4 ҳазор сомонӣ ё 25,4 фоиз ва семоҳаи чорум 19479,4 ҳазор сомонӣ ё 25,4 фоиз муайян карда шудааст.

14.4. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ барои соли 2025 аз рӯйи семоҳаҳо аз ҷумла, семоҳаи якум 18364,9 ҳазор сомонӣ ё 24,0 фоиз, семоҳаи дуюм 20314,3 ҳазор сомонӣ ё 26,5 фоиз, семоҳаи сеюм 19485,4 ҳазор сомонӣ ё 25,4 фоиз ва семоҳаи чорум 18479,4 ҳазор сомонӣ ё 24,1 фоиз тақсим карда шудааст.

14.5. Талаботи фонди музди меҳнати ташкилоту муассисаҳои буҷети маҳаллӣ тибқи буҷети тасдиқгардида барои соли 2025 маблағи 60402,1 ҳазор сомониро ташкил дода, барои семоҳаи якум 15100,4 ҳазор сомонӣ ё 25,0 фоиз, семоҳаи дуюм 17990,4 ҳазор сомонӣ ё 29,8 фоиз, семоҳаи сеюм 12705,4 ҳазор сомонӣ ё 21,0 фоиз ва семоҳаи чорум 14616,0 ҳазор сомонӣ ё 24,2 фоиз тақисм карда шудааст.

14.6. Таносуби нақшаи қисми даромад ва хароҷот, аз рӯйи семоҳаҳо тибқи талаботи қисми хароҷот дуруст муқаррар карда нашудааст.

14.7. Масалан, қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар семоҳаи дуюм 19314,3 ҳазор сомонӣ ва хароҷот бошад 20314,3 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст, ки аз рӯйи таносуб нисбат ба нақшаи қасми хароҷот 1000,0 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

14.8. Мувофиқи 2 фармоишҳои раёсати Вазорати молия дар шаҳр бо мақсади пардохт намудани фонди музди меҳнати ташкилотҳои буҷети маҳаллӣ дар семоҳаи якуми соли 2025, нақшаи хароҷотҳои пешбинишудаи фонди музди меҳнат аз семоҳаи дуюм ба маблағи 924,7 ҳазор сомонӣ кам карда шуда, ба ҳамин маблағ дар семоҳаи якум нақшаи хароҷоти фонди музди меҳнат зиёд карда шудааст. Иҷрои хароҷотҳои фонди музди меҳнат дар семоҳаи якуми соли 2025 маблағи 14680,3 ҳазор сомонӣ ё 95,0 фоизро ташкил дода, ба қадри 372,8 ҳазор сомонӣ музди меҳнат ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоии муассисаҳо дар моҳи апрели семоҳаи дуюми соли 2025 пардохт карда шудааст. Ин аз нодуруст нақшабандӣ ва ба семоҳаҳо тақсим намудани қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ гувоҳӣ медиҳад.

14.9. Тибқи банди 3 моддаи 6 Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шаклҳои ҳуқуқии буҷетҳо, буҷетҳои маҳаллиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия намуда, онро мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд.

14.10. Тағйиру иловаҳо низ ба буҷетҳои маҳаллӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагони маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ворид карда мешавад.

14.11. Талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи молияи давлатӣ риоя нагардида, бе қабули қарорҳои дахлдори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, дар асоси фармоишҳои дахлдори раёсати Вазорати молия дар шаҳр ба буҷети маҳаллӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, хароҷотҳои бахшҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ 18,8 ҳазор сомонӣ, тандурустӣ 1351,1 ҳазор сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 54,3 ҳазор сомонӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор 47,5 ҳазор сомонӣ ва нақлиёт ва коммуникатсия 11,0 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 1482,6 ҳазор сомонӣ кам карда шуда, ҳамзамон хароҷотҳои бахшҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ 79,3 ҳазор сомонӣ, маориф 1195,9 ҳазор сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 159,3 ҳазор сомонӣ ва хароҷотҳои дигар 48,2 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 1482,6 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст.

14.12. Қобили қайд аст, ки тибқи талаботи банди 3 зербанди 1 Дастурамали Вазорати молия “Оид ба тақсимоти семоҳаҳои даромад ва хароҷот ва тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо дар раванди иҷрои буҷет” ворид намудани тағйиру иловаҳо аз як соҳа ба соҳаи дигар дар раванди иҷрои буҷет дар мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо қарори Маҷлиси вакилони халқ амалӣ карда мешавад. Тибқи талаботҳои дастурамали болозикр раёсати Вазорати молия дар шаҳр метавонад танҳо дар дохили соҳаҳои буҷетӣ ба моддаҳои хароҷотӣ тағйиру иловаҳо ворид намоянд.

***15. Омӯзиш ва таҳлили ташаккули буҷети соҳаи маориф*** нишон дод, ки тартиби дурустии банақшагирии маблағгузориҳо дар бахши маориф аз тарафи масъулини соҳа ҳангоми банақшагирии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2024 – 2025 дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонун “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2025”, дуруст ба роҳ монда нашудааст.

15.1. Мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида, буҷети муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр дар соли 2024 барои 10330 нафар хонанда ва меъёр барои нигоҳубини 42 муассисаҳои шаҳр бо дар назар доштани коэффитсиентҳои амалкунанда маблағи 27949,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, вале дар буҷети ин давра аз ҷониби масъулини ташаккули буҷет барои нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр маблағи 28265,4 ҳазор сомонӣ ё ба қадри **316,2** ҳазор сомонӣ нисбати меъёрҳои муқаррагардида зиёд мавриди нақшабандӣ қарор дода шудааст.

15.2. Дар соли 2025 барои 10858 нафар хонанда ва меъёр барои нигоҳубини 44 муассисаҳои шаҳр бо дар назар доштани коэффитсиентҳои амалкунанда маблағи 40276,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, вале дар буҷети ин давра аз ҷониби масъулини ташаккули буҷет барои нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр маблағи 38996,2 ҳазор сомонӣ ё ба қадри **1280,4** ҳазор сомонӣ нисбати меъёрҳои муқаррагардида кам мавриди нақшабандӣ қарор дода шудааст.

**16.** Тибқи талаботи Дарстурамал “Дар бораи тартиби таҳия, баррасӣ, тасдиқ ва иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқи маблағи нақди маблағҳои буҷетие, ки дар охири соли молиявӣ дар суратҳисоби хазинадории вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби барзиёдии даромад ё сарфаи хароҷот мемонанд, дар мадди аввал меъёри маблағи нақди гардони хазинавиро нигоҳ дошта, баъдан қисми боқимондаашон дар аввали сол бақияи озоди буҷетиро ташкил медиҳанд.

16.1. Тибқи ҳисоботҳо дар бораи иҷрои буҷети маҳаллӣ ба ҳолати 01.01 соли 2024 бақияи маблағҳо дар суратҳисоби ягонаи хазинадории буҷети маҳаллӣ 1673,8 ҳазор сомонӣ ва ба 01.01 соли 2025 маблағи 2640,0 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

16.2. Тибқи қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ ба аввали солҳои 2025-2026 маблағи нақди гардони хазинавии буҷети маҳаллӣ мутаносибан ба маблағи 1474,0 ҳазор сомонӣ ва 2000,0 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шуда, дар солҳои 2024-2025 мутаносибан 199,8 ҳазор сомонӣ ва 640,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои озоди буҷетӣ мавҷуд мебошад.

16.3. Дар соли 2024 аз суратҳисоби ягонаи хазинадории буҷети маҳаллӣ 1582,5 ҳазор сомонӣ, ки аз он **1382,7** ҳазор сомонӣ маблағи нақди гардони хазинавӣ ҳамчун бақияи маблағҳои озоди буҷетӣ дар асоси қарорҳои Раиси шаҳр аз ҷумла, тавассути бахшҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ 7,2 ҳазор сомонӣ, маориф 583,4 ҳазор сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 514,3 ҳазор сомонӣ ва хароҷотҳои ба категорияи дигар дохил карда нашудаанд 477,6 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шудааст.

16.4. Дар соли 2025 бо мақсади маблағгузории хароҷотҳои бахшҳои буҷетӣ 2284,1 ҳазор сомонӣ аз он **1644,1** ҳазор сомонӣ маблағи нақди гардони хазинавӣ ҳамчун маблағҳои озоди буҷетӣ ҷалб гардида, тавассути бахшҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ 54,0 ҳазор сомонӣ, маориф 134,0 ҳазор сомонӣ, тандурустӣ 80,0 ҳазор сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1291,8 ҳазор сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 31,7 ҳазор сомонӣ, хароҷотҳои ба категорияи дигар дохил карда нашудаанд 692,6 ҳазор сомонӣ хароҷот шудааст.

16.5. Аз ҳисоби бақияи озоди маблағҳои буҷетӣ дар асоси қарори Раиси шаҳр дар соли 2024 ба МИҲД шаҳр маблағи 131,7 ҳазор сомонӣ барои ҳавасмандгардонии кормандони МИҲД, мақомотҳои молия ва андози шаҳр дар ҳаҷми як маоши вазифавии моҳона, дар шакли кумаки моддӣ ҷудо карда шудааст.

16.6. Дар солҳои 2024 – 2025 аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар асоси қарорҳои Раиси шаҳр тавассути бахшҳои буҷетӣ мутаносибан 3013,2 ҳазор сомонӣ ва 7231,4 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шудааст.

16.7. Аз ҷониби масъулини буҷети маҳаллӣ дар соли 2024 муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671” аз 13.01 соли 2024 №5, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо

мақсади иҷрои қарори мазкур, барзиёдии даромади буҷети маҳаллиро сарфа ва мақсаднок барои пардохти зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд, риоя нагардида, дар соли 2024 аз ҳисоби иҷрои барзиёди БМ 1271,7 ҳазор сомонӣ тибқи қарорҳои Раиси шаҳр барои хароҷотҳои дуюмдараҷа ҷудо ва хароҷот карда шудааст.

16.8. Инчунин, муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962" аз 28.02 соли 2025 №113, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои қарори мазкур истифодаи барзиёдии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули буҷетҳои иловагиро қатъиян барои таъмини зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд, аз ҷониби масъулин риоя нагардида, дар соли 2025 аз ҳисоби иҷрои барзиёди буҷети маҳаллӣ 2231,4 ҳазор сомонӣ тибқи қарорҳои дахлдори Раиси шаҳр барои хароҷотҳои дуюмдараҷа ҷудо ва хароҷот карда шудааст.

16.9. Дар солҳои 2024-2025 дар асоси қарорҳои Раиси шаҳр аз ҳисоби бақияи озоди маблағҳои буҷетӣ мутаносибан 1334,8 ҳазор смонӣ ва 2173,5 ҳазор сомонӣ барои хароҷотҳои дуюмдараҷа ҷудо ва равона гардидааст.

**17.** Нақшаи аниқшудаи қисми даромад ва хароҷоти маблағҳои махсус барои солҳои 2024 - 2025 мутаносибан 3320,8 ҳазор сомонӣ ва 3030,5 ҳазор сомониро ташкил дода, иҷрои он аз рӯйи даромад мутаносибан 2383,1 ҳазор сомонӣ ё 71,8 фоиз ва 1826,2 ҳазор сомонӣ ё 60,3 фоиз ва аз рӯйи хароҷот мувофиқан 2635,3 ҳазор сомонӣ ё 79,4 фоиз ва 1712,5 ҳазор сомонӣ ё 56,5 фоиз таъмин карда шудааст.

**18.** Дар солҳои 2024 – 2025 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳр воридоти бақияпулиҳои андоз пурра таъмин карда нашудааст.

18.1. Қарзи корхонаву ташкилотҳои шаҳр аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 4346,2 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли қаблӣ 1208,8 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Ба ҳолати 01.01 соли 2026 бошад маблағи 2297,8 ҳазор сомониро ташки дода, нисбат ба аввали соли қаблӣ 2048,4 ҳазор сомонӣ кам гардида, бақияпулиҳои андози иҷтимоӣ ба ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 39,0 ҳазор сомонӣ ва корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 2258,7 ҳазор сомонӣ тааллуқ дорад.

18.2. Бақияпулиҳои андоз ба истиснои андози иҷтимоӣ ба санаи 01.01 соли 2024 маблағи 13173,5 ҳазор сомонӣ ва ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 11697,2 ҳазор сомонӣ ё 1476,3 ҳазор сомонӣ нисбат ба аввали соли қаблӣ кам гардидааст. Бақияпулиҳои андоз ба ҳолати 01.01 соли 2026 маблағи 14459,3 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали соли қаблӣ 2762,1 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

18.3. Аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳр бо мақсади кам намудани маблағи бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбинишудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати андозсупорандагони қарздор дар соли 2024 - 40 қарор ба маблағи 26918,2 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2025 - 76 қарор ба маблағи 42268,8 ҳазор сомонӣ

оиди маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо қабул гардида, аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида дар давраҳои болозикр ба буҷет мутаносибан 24784,3 ҳазор сомонӣ ва 37770,1 ҳазор сомонӣ қарзи андозҳо ситонида шудааст.

**19.** Қарзи дебитории ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳр ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 340,4 ҳазор сомониро ташкил дода, ба ҳолати 01.01 соли 2026 нисбат ба аввали соли қаблӣ 67,2 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, маблағи 407,6 ҳазор сомониро ташкил додааст.

19.1. Қарзи кредитории ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 618,4 ҳазор сомониро ташкил дода, ба ҳолати 01.01 соли 2026 ба қадри 504,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, маблағи 1122,9 ҳазор сомониро ташкил додааст.

**20**. Бахши хазинадорӣ ба 47 ташкилоту муассисаҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва 14 ташкилоту муассисаҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда хизмат расонида, аз ин шумора амалиётҳои гардиши маблағҳои махсуси 15 ташкилоту муассисаҳои буҷети маҳаллӣ ва 6 ташкилоту муассисаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар суратҳисоби махсус роҳандозӣ менамояд.

20.1. Барои дар сатҳи дахлдор хизматрасонӣ намудан ба ташкилоту муассисаҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ дар раёсат 5 суратҳисоб кушода шудааст, ки тавассути ин суратҳисобҳо маблағгузории ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад.

20.2. Бақияи суратҳисоби ягонаи маҳаллии хазинадорӣ ба ҳолати 01.04 соли 2024 маблағи 4629003,36 сомониро ташкил намуда, ба суратҳисоби мазкур дар дар давраи аз 01.04 то 31.12 соли 2024, соли 2025 ва аз 01.01 то 31.12 соли 2026 матаносибан маблағи 81870,7 ҳазор сомонӣ, 142156,2 ҳазор сомонӣ ва 13666,7 ҳазор сомонӣ даромад шуда, дар давраҳои зикргардида мувофиқан 83972,8 ҳазор сомонӣ, 134708,2 ҳазор сомонӣ ва 10274,1 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шуда, бақияи маблағҳо дар суратҳисоб ба ҳолати 01.02 соли 2026 маблағи 13367,6 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

**21.** Натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ, вайронкунии қоидаҳои молиявиро дар дастгоҳи Раиси шаҳр 138,6 ҳазор сомонӣ, бахши хазинадории раёсати Вазорати молия дар шаҳр 512,5 ҳазор сомонӣ, Қисми мустақили 45-уми ҳарбикунонидашудаи Хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати шаҳр 36,2 ҳазор сомонӣ, Шуъбаи маориф 87,1 ҳазор сомонӣ, Муассисаи давлатии таълимии томактабии №1 – 21,2 ҳазор сомонӣ, Муассисаи давлатии таълимии томактабии №6 – 7,2 ҳазор сомонӣ, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 – 20,8 ҳазор сомонӣ, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 – 28,4 ҳазор сомонӣ, Беморхонаи марказӣ 93,5 ҳазор сомонӣ, Беморхонаи минтақавии шаҳраки Оби гарм 62,9 ҳазор сомонӣ, Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ 161,1 ҳазор сомонӣ, Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ 16,6 ҳазор сомонӣ, КВД “Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ, обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и шаҳр 1018,2 ҳазор сомонӣ, Бахши фарҳанг 70,9 ҳазор сомонӣ, Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал 26,1 ҳазор сомонӣ ва Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард 42,1 ҳазор сомонӣ, дар маҷмуъ ба маблағи 2343,4 ҳазор сомонӣ муайян намуд.

**21.** Ҳамин тавр, дар рафти татбиқи чорабинии аудиторӣ дар 16 ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳр аудити мутобиқат ва молиявӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа вайронкунии қоидаҳои молиявӣ аз ҳисоби вайронкунии низоми молиявӣ ба маблағи умумии **2343,4** ҳазор сомонӣ муайян гардид.

21.1. Дар таркиби вайронкунии қоидаҳои молиявии низоми молиявии муайянгардида, вайронкунии қоидаҳо вобаста ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ 752,0 ҳазор сомонӣ, вайронкунии қоидаҳо дар истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва дигар воситаҳои давлатӣ 296,0 ҳазор сомонӣ, вайронкунии қоидаҳо вобаста ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ 1126,6 ҳазор сомонӣ, вайронкунии қоидаҳо дар соҳаи идоракунӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ 20,6 ҳазор сомонӣ ва вайронкунии қоидаҳо дар соҳаи сохтмон 148,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи мазкур пурра ба суратҳисоби дахлдор барқарор карда шуд.

**22.** Ба истиснои таъсири камбудию норасоиҳои пешбинишудаи хулосаи мазкур, ҳисоботи буҷетӣ, ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ, ҳисоботҳои молиявӣ ва дигар ҳисоботҳо барои солҳои молиявии 2024- 2025 шартан мусбӣ арзёбӣ карда шуд. Инчунин фаъолият, амалиёт ва маълумотҳои молиявӣ вобаста ба тамоми масъалаҳои муҳим, ки дар ҳисоботи молиявӣ инъикос карда шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои дар боло зикршуда ба меъёру талаботи муқарраршуда мутобиқат доранд.

**23.** Бинобар ин, бо дар назар доштани вайронкунии қоидаҳои молиявии муайяншуда тибқи муқаррароти моддаҳои 7, 27, 28 ва 41 Қонун “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳои буҷетии он пешниҳоди **тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:**

- натиҷаи чорабинии аудиторӣ вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллии шаҳри Роғун дар солҳои 2024-2025 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба бартараф намудани вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида ва самараноку мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад;
- бо мақсади таҳлили дақиқ ҷиҳати ташаккул додани лоиҳаи барнома аз рӯйи масъалаҳои мухталиф баргузор намудани чорабиниҳо бо роҳи ҷаласаҳои васеъ, ташкили мизҳои мудаввар ва вохӯриҳои сайёр барои муҳокимаи масъалаҳо бо иштироки тарафҳои манфиатдор ва даъватшудагон;
- риояи қатъии раванди мувофиқасозии барномаи рушди шаҳр бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ;
- ба роҳ мондани таҳлили ҳолати соҳаҳо ҳангоми муайян намудани вазифаҳо, чорабиниҳо, мушкилоти ҷойдошта ва роҳи ҳалли онҳо барои ҳар як соҳа ва мушаххасан муайян намудани сарчашмаҳои маблагузории татбиқи лоиҳаҳои барнома аз рӯйи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда;
- бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ корҳо дар самти рушди тарбия ва маърифати экологӣ тақвият дода шавад;
- масъалаи истифодаи оқилонаи қувваи барқ ва ҷамъоварии савақтии маблағи қувваи барқи истифодагардида ва кам намудан ва пешгирии

пайдоиши минбаъдаи маблағи қарздорӣ аз истифодаи баркро зери назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати ҳалли он дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои соҳа чораҳои таъхирнопазир андешанд;

- баҳри дар амал татбиқ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2025, № АП 815 “Дар бораи солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” тадбирҳои зарурӣ андешида шавад;

- аз идоракунии нодуруст ва ноустувори молияи давлатӣ худдорӣ намуда, ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд дар раванди иҷрои буҷетҳо роҳ надода, нигоҳдорӣ ва истифодабарии маблағҳои накди гардони хазинавиро, ки барои танзими касри муваққатии буҷетҳо ҳамчун фишанги асосии идоракунӣ пешбинӣ мегарданд, дар доираи талаботҳои мавҷуда амалӣ намоянд;

- тибқи муқарраароти Қонун “Дар бораи хазинадорӣ” маблағҳои ба буҷет саҳван воридшуда, ки ба даромади буҷети маҳаллӣ тааллуқ надоранд, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба суратҳисобҳои дахлдор интиқол дода шавад;

- муқарраароти моддаи 13 қонунҳо “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои молиявӣ” ба инобат гирифта шуда, маблағҳои ба буҷети маҳаллӣ мансуб намебошанд, ба буҷетҳои дахлдор баргардонида шаванд;

- талаботи Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳолати кам ё зиёд шудани воридоти маблағҳо ба буҷет, ки метавонад боиси 10 фоиз ё аз он зиёд тағйир ёфтани даромад аз таъиноти солонаи тасдиқшудаи буҷет гардад, риоя карда шавад;

- бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия” аз 14.01 соли 2026 №1132, барзиёдии даромади буҷети маҳаллӣ ва қабули буҷетҳои иловагиро қатъиян барои таъмини зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд;

- воридоти андозҳои танзимшаванда тавассути суратҳисобҳои танзимкунандаи сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молия амалӣ карда шаванд;

- ҷиҳати сарфанокӣ ва самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ маблағгузориҳои ташкилоту муассисаҳо дар доираи сметаи хароҷотии тасдиқгардидаи муассисаҳои буҷетӣ барои ҳар семоҳа тибқи талаботи Қонун “Дар бораи хариди давлатӣ” аз тарафи раёсати Вазорати молия ҳангоми маблағгузории ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳр маблағгузориҳо дар асоси протоколҳои тендерӣ амалӣ карда шавад;

- оид ба беҳтар намудани ҳисоботҳои хазинадорӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ, мутобиқ ба СҲМБДТ таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявии солона ва давравӣ, инчунин ҷиҳати кам кардани маблағи қарзҳои дебиторӣ ва таъмини

хароҷоти мақсадноки маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ тадбирҳои амалӣ андешида шавад;

- дар муассисаҳои соҳаи маориф ҳисоб ва пардохти музди меҳнати кормандон тибқи талаботи "Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф" ба роҳ монда, муқаррароти Қонун "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" риоя карда шуда, дар охири солҳои молиявӣ ҷиҳати ба амал баровардани қарзҳои дебиторию кредиторӣ роҳ дода нашавад.

- музди меҳнати кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, аз рӯйи талаботи Дастурамал "Оид ба тартиби таъин ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба роҳ монда шавад.

- аз ҷониби масъулини бахши фарҳанг талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи андозаи иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо" ва Дастурамал "Оид ба тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи фарҳанг" риоя карда шавад.

- ҷиҳати ислоҳ ва пешгирӣ намудани камбудиҳо дар хароҷоти маблағҳо барои корҳои таъмиру сохтмон ва дуруст ба роҳ мондани назорати дохилиидоравии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, минбаъд қабули ҳаҷми корҳои таъмиру сохтмонии иҷрогардидаро танҳо дар асоси нархномаҳо, дастурамалҳо ва дигар санадҳои меъёрии аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмон таҳиягардида амалӣ карда шавад.

- оиди ба куллӣ беҳтар намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ, инчунин ҷиҳати кам кардани маблағи қарзҳои дебиторию кредиторӣ ва дуруст инъикос намудани дороиҳо, уҳдадориҳо ва дигар амалиётҳо дар ҳисоботи маҷмӯии буҷети маҳаллӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

- сатҳи масъулияти шахсонеро, ки ба вайронкунии қоидаҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои саривақтӣ андешанд.

Сараудитор Ҳасанзода А.